# Ҷисму ҷони одамӣ дар «Маснавӣ»



Чанд сол аст, ки масъалаи зиёд, дақиқтар бигӯем ҳуҷуми бераҳмона ба тассавуф идома дорад. Аслан истилоҳи тассавуф дар луғати аз тоифаи дар тохтутоз камтар истифода мешавад. Ҳуҷум сахт ҳадафгир аст. Ин ҳуҷуми ҳадафгир ғолибан бар сари **Мавлоно Ҷалолиддин** аст. ***Чаро Мавлавӣ?*** Зеро сабки ҷидоли ин тоифа бараҳмона аст. Яъне, ин набард ҳеч кадом қонуну қоидеҳое, ки дар ҷангу набардҳои гузашта камтар ва бештар риоя мешуданд, комилан риоя намекунад. Аз ҷумла, дар ҳеч ҷанге ба гаравгон гирифтани кӯдак раво нест. Аммо акнун мебинем, ки зану кӯдак ба гаравгон гирифта мешавад. Агар шахси мавриди ҳуҷумро ба гаравгон гиранд, яъне ҷони ӯро ба гаравгон мегиранд. Аммо ба гаравгон гирифтани кӯдак барои ин шахс мудҳиштар аст, зеро ҷонашро не ҷони ҷонашро ба гаравгон мемонанд. Тоифае, ки Мавлавиро мавриди ҳуҷум қарор додаанд ва ба гаравгон гирифтанд, алоқамандони ӯро, ки танҳо аҳли забони модарии Мавлавӣ нестанд, балки дар саросари ҷаҳон бо риштаи заррини ишқи Мавлавӣ ба ҳамдигар пайвастаанд, дар ҳадаф доранд. Ин тоифа ҷони онҳоро не, балки ҷони ҷонашонро ба гаравгон гирифтаанд. Ин бесариву белаҷомӣ, поймол кардани қоидаҳои маъмули умумибашари чӣ мақсад дорад? ***Мақсад аслан реза – реза кардан ва баҳам рехтани табори ориёнӣ, ворисони забони маънавиёти Мавлавӣ, он қисмати инсоният, ки ба ҷаҳонбинии гуманистӣ, инсонпарварӣ гаравидааст.***

Ин ҳадаф ду натиҷаро пайгирӣ мекунад. Яке эҷод кардани тафриқа дигаре ба хашм оварда ба майдони бародаркушӣ кашидани миллатҳо, қавмҳо, давлатҳо, ки оқибати ин тафриқаву тавтеа ба даст овардани қудрату ҳукумат ва пул аст.

Феълан ҳадафи ин матлаб он аст, ки дар марҳилаи имрӯза барои субботи сиёсию иҷтимоии миллат, ваҳдати миллат ахамият дорад. Муҳим аст, мубрам аст, ҳатто мубрами мубрам аст. Имрӯз ва ҳамеша.


قصهٔ آبگیر و صیادان و آن سه ماهی یکی عاقل و یکی
نیم عاقل و یکی مغرور ابله بی عقل و عاقبت آن سه ماهی

Суханро аз ин ҷо шуруъ кунем, ки тасаввуф, адабиёти тасаввуфӣ, конссепсияи тасаввуф, Мавлавӣ, мавлавигунаҳо дар маҷмуъ як решаи мустаҳками дар набарду ҷидолҳои таърихӣ дар тӯфонҳою хушксолиҳои тӯлӣ тамуддун варзида шудааст, ба ҳамаи ин офатҳо муқовиматпазир аст. Бадани мубораки дарахти миллатро ғизо медиҳад. То имрӯз сарсабзу борвар, хурраму сарфароз нигоҳ медорад. Ин дарахти ҳаматухм решаҳои дигар ҳам дорад , аммо феълан мақсад тасаввуф аст.

Қаблан ҳам бояд қайд шавад, ки тасаввуф гунаҳо дорад, марҳилаҳо дорад, шохаҳо, навдаҳо, баргҳо ҳам дорад. Мавриди сухан маълум аст, ки тасаввуфи қаландаргуна, дарвешгуна ва гунаҳои дигар низ аз истилоҳоте зиёде, ки тасаввуфро бозгӯ мекунанд истилоҳи орифона ва ирфонро мегирем.

Дар ин матлаб ирфон ба чунин маънӣ истифода мешавад: «маҷмуи таълимоти инсонгароӣ, инсонсозӣ, парвариши инсон, шинохти арзишҳои инсонӣ, ки бештари онҳо хусусияти умумибашарӣ қаблан ҳам доштанд ё баъдан касб карданд, тарзи зист, ахлоқ, муносибат ба ҷаҳони зинда ба кайҳон, консепсияи мурратаби ҷаҳоншиносӣ».

**Тасаввуф, пайдоиш ва заминаҳои зуҳури он**

Барои равшан кадани матлаб ва маълум кардани баҳс чанд сухан бояд дар боби сабаби пайдоиши тасаввуф гуфта шавад.

Ин ҷониб тасаввуфро софу сифр падидаи ҷаҳоншиноси илмии маънавии табори ориёнӣ медонанд. Он қисмате аз муҳаққиқони мӯҳтарам, ки ба ирфон хусусияти арабию туркию ғайра ҳам медиҳанд аз ҳақиқат фосила гирифтаанд. Воқеан, ирфон решаҳои аниқи таърихи дар Хинд, Юнон, Ориёнӣ бостон ҳам доранд, аммо ин унсурҳои ирфон ҷавҳарӣ нестанд. Аслан аразӣ хастанд. Хусусияти фаръӣ, фрагменталӣ, интихобӣ доранд.

Барои шинохти сабаби пайдоиши ирфон ҷузъиёти таърихию сиёсиро ҳам мушаххасан шинохтан зарур аст. Қаблан арз шавад, ки бо вуҷуди пушиши динӣ доштанаш ирфон моҳиятан бештар маънавӣ аст то динӣ бошад. Ирфон ба шакли консепсияи ҷаҳоншиносӣ баъд аз нашри Ислом дар қаламрави қавмҳои ориёӣ ки он ҳам (на комилан) тоҷикзабону форсзабон буданд, ба вуҷуд омадааст. Дар ҳамин ҷо як иштибоҳе маъмулӣ таърихнигорӣ ҳам бояд шинохта шавад: тибқи ақидаи маъмул қавмҳои ориёнӣ табармусулмон ҳастанд, яъне баъд аз футуҳоти лашкари араб исломро ҷабран қабул карданд. Ин ақида ҳақиқат ҳам дорад, аммо боз ҳам ҳақиқати мутлақ нест. Дар ҷуғрофияи ориёи бостон минтақаҳои бузурге ҳастанд, ки пою қадами лашкари араб ҳаргиз ба он ҷо нарасидаст. Минтақаҳое ҳам ҳастанд, ки лашкари араб омадааст, аммо бидуни ҷангу хунрезӣ исломро истиқбол карданд. Ба хотири фишурдани баҳс, қайд мекунем, ки яке аз сабабҳои бунёдии бе ҷангу хунрезӣ пазируфтани ислом фасоди ахлоқии дарбори империяи Сосониён буд. Айнан ҳамон сабаб ва ҳамон фасоди ахлоқие, ки империяи Юнониёнро резе-реза карда, аз байн бурд (далели равшанаш император Калибула ва ахлоқи дарбори ӯст, ки бисёр машҳур аст) ба ҳадде машҳур аст, ки намоду мисоли бадахлокии мутлақ гаштааст.

***Мақсад аслан реза – реза кардан ва баҳам рехтани***

***табори ориёнӣ, ворисони забони маънавиёти Мавлавӣ, он қисмати инсоният, ки ба ҷаҳонбинии гуманистӣ, инсонпарварӣ гаравидааст.***

Пайдо шудани ислом дурусттараш ба майдони сиёсату маданият омаданӣ ирфон ҳамчун як ҳаракати пурқаввати шарофати инсонӣ, худшиносии миллӣ аслан ба назари мо эҳсоси ватандустию ватанхоҳӣ аст. Ин ҳаракатро дар формулаи зерин таҷассум кардан имкон дорад: ***«Ман мусулмон ҳастам, аммо араб нестам»*** Ин формуларо шарҳу тавзеҳи зиёд додан мумкин аст, аммо зарурат надорад ва боз ҳам зарурат на ба шарҳ, балки ба таффакур, тааллуқ дорад. Ин тааммуқу таффаккур ҳам бояд аз мавқеи ҷаҳоншиносии оқилона мавқеи истиқлоли фикру андеша, иззату шарофати хештаншиносӣ бошад.

Ин формула ба ҳамин шакли бараҳна аз забони ҳеч орифе гуфта нашудааст, аммо аз ҷониби ***Яъқуби Лайс*** гуфта шуддаст, ки дар таърихӣ давлатҳои абарқудрати мустамликадор назир надорад. Вакте дар назди Яқуби Лайс шоире дар васфи ӯ қасидаашро, ки арабӣ навишта буд, хонд, ба хашм омад ва наъра кашид: **«Ту бо кадом ҷуръат дар нази ман ба забони барбариён қасида мехонӣ!?»**. Яқуби Лайс мегуяд, ман мусулмон ҳастам вале араб нестам.

Сабаби аслии ба ҳадаф Мавлавӣ аслан бисёр содда аст. Соддаи содда ба ҳадде содда ва қудратманд аст, ки ҷаҳонгир аст. Он ҳам ҳамин як мисраъ, чанд калима, ки устухони ҷаҳонхоҳонро ба ларза меорад, хунашонро ба туғён меорад, андешаашонро реза –реза, дар ҳаму барҳам мекунад, ба қавли мардум спирали сарашонро вайрон мекунад **«Мо барои васл кардан омадем»**. Мисраи дуюми ин байт зарбае ҳамешазинда, ҳамешакоргар, ҳамешакушанда, ҷовидона, ноҷиз кардан, парда баркандан аз асрор, ба хоки роҳ яксон кардани тоифае аст, ки аз даврони Юнони қадим то имрӯз таҳти шиори ***«Тафриқа***

***куну ҳукумат кун».*** Ноомади кори манфиатҷуёну манфиаткорони ҷаҳон ин ҷост, ки мисраи Мавлавӣ ба монанди силоҳе, ки на дар набардҳои ибтидоӣ на дар ҷангҳои мусаллаҳи технологияи олӣ на дар ҷидолҳои сиёсӣ «шуҳратсозии сиёҳ» («Чёрный пяр») куҳна намешавад, рӯз ба рӯз варзидатар, бурррандатар кушандатар мегардад «Мо барои васл кардан омадем», ҳидоятест ҷовидона гарму партаавкан ба монанди хуршед, кушанда ба монанди доруе, ки ҳашаротро мекушад. Қоидаи манфури ҳашарот ин аст, ки барои ҷовидон намемирад. Баъд аз он ки заҳри ҳашароте онро мекушад аз ҷангу ғубор, аз чанги бугин, аз ҳавои фосид аз нав ба дунё меояд ва боз ҳам одати манфур дорад,ки аз гулӯи шукуфа ва гулбун мегирад, шираю шарбати шукуфаву гулбунро макида –макида мекушад.

**Ҷанг бо Мавлавӣ**

Тоифае, ки ба ирфони Мавлавӣ ҷанги беамон доранд айнан расми ҳамин анголро доранд. Қудрати осеб расонидан ба соқаву тана ва реша надоранд, кор бо шукуфаю гулбун мегиранд, мавриди диққати хамешагии онҳо қишри ҷавон аст.

Ноомади кори ирфонситезону маърифатситезон ин ҷост, ки одам дар ҳама ҳолат ҷавҳари инсонии худро гум намекунад, дузд мешавад, роҳзан мешавад, фоҳишаву айёр мешавад аммо виҷдони ӯ ҳаргиз намемирад. Аз ҳамин ҷост, ки ҳақиқати мусаллам вуҷуд дорад ва он ин аст ки фоҳиша  ҳатман рӯзе мерасад, ки ҳақрор мекунад ва ба садои бурро мегуяд ***«Қадру қиммати покдоманиро кассе баробари ман намедонад».*** Дузд ҳам ҳатман мегуяд ***«Пушаймонам, рӯям сиёҳ аст , дуздӣ оқибат надорад».***

***Вакте дар назди Яқуби Лайс шоире дар васфи ӯ қасидаашро, ки арабӣ навишта буд, хонд, ба хашм омад ва наъра кашид: «Ту бо кадом ҷуръат дар нази ман***

***ба забони барбариён қасида мехонӣ!?». Яқуби Лайс мегуяд, ман мусулмон ҳастам вале араб нестам.***

Агар чашми басиратро бикушоем, бо гӯши чашм қудрати шунидан пайдо кунем, чашми гӯшро боз кардан тавонем ба тақдири авлоду аҷдод бе тарафию коҳилӣ накунем,муҳити худро ба мушоҳида бигирем ба соддагӣ мебинем, ки роҳгумзадагон чӣ қадар пушаймонанд. Аҷибу омӯзанда аст,ки аз байни ин табақа ҳам дар таърих ҳам дар рӯзгори мо касоне пайдо мешаванд, ки намунаи беҳтарини ахлоқу манфиатрасонӣ, шафқату силаи раҳм ҳастанд азизону бузургоне чун Фузайли Айёз ки аслан роҳзан буд, Бишри Хофӣ, ки қиморбоз буд. Киссаи онҳо дар осори Фаридудини Аттор ва дигар сарчашмаҳо омадааст. Хушбахтона, ин осор акнун бо шарофати истиқлоли сиёсӣ дастрас ҳастанд.

Аз таърихи навини Тоҷикистон ҳам мисол дорем аммо тақозои ҳадаф иҷозат намедиҳанд аз онҳо қисса кунем, ҳарчанд саргузаштҳои бисёр аҷиб ва омӯзанда ҳастанд. Ба тарзи талмеҳ танҳо ишора мекунем, ки дар таърихи навини Тоҷикистон нафаре буд роҳзан, роҳзани машҳур, аммо чун виҷдонаш коргар шуд, раисе колхозе шуд, ки дар саросари Шуравӣ ҳам шахсияташ, ҳам колхозаш, ҳам осори маданӣ-моддияш муътабару машҳур гаштанд. Яъне, зиндагӣ якрангу дилгир нест, зиндагӣ рангҳое мегардонад, ки шигифт ҳастанд, ақлро ҳайратзада мекунанд. Ақлро такону қудрати тоза медиҳанд.

Воқеан ирфонситезон дар мавриди ирфонситезиашон нуқсоне доранд, худкуш, Мавлавиро ба ақлзудоӣ муттаҳам мекунанд. Мисол мегиранд ки:

***Пои истидлолиён чубин бувад***
***Пои чубин сахт бетамкин бувад.***

ва мисоли дигареро ҳам бисёр мехоҳанд!

*Андар ин раҳ акл агар худбин будӣ*
*Фахри Розӣ раҳкушои дин будӣ*

Аммо мисол намегиранд, ки

*Эй бародар ту ҳамон андешаӣ*
*Мобақӣ як устухону решаем.*

Ин ҷо ду қазия аст, ки гуфтанӣ:

1. Сабки баёни Мавлавӣ комилан бадеӣ аст. Бо рамз, истиора, талмеҳ, ташбеҳ ва монанди инҳо сухан мегӯяд. Харчанд худ дар «***Фиҳӣ мо фиҳӣ***» мегуяд, ки «***ман барои хотири зеҳни мухлисону муридон содда мегӯям, шеър мегуям ва-гарна аз шеър безорам***».

Равоншиноси муосир исбот кардааст, ки таффакури бадеӣ идроки бадеият барои ҳамагон дастрас нест. Ин як хосияти мағзи сари одам аст. Соддатар карда гӯем як гули навшукуфтаро даҳ нафар мебинанд, чанд нафар хандаи ин гулро дидан метавонанд чанд нафари дигар наметавонанд. Ин ҷо як нуқтаи нозук аст,ки агар нафаре ин зебоиро намебинад айбе нест, боке нест аммо агар дидани нафари дигарро эрод бигарад ва таъна мекунад бешубҳа бетамизист.

Ирфонситезӣ чун аз зулм, худхоҳӣ, худкомагӣ маншаъ мегирад ва аз ҳамин нуқта мавзеъгирӣ мекунад ба каркаданг монанд мешавад, ки қудрати паҳлуҳоро мушоҳида кардан надорад. Каркадан бо он зуъме, ки дорад бо суръати каркадангӣ метозад, ба ҳамон якравиву якроҳагӣ метозад, бо ҳамон суръати сахт теғи пешонии худро чун ба дарахти бузурге мезанад, дармемонад. Шохи ягонаашро берун кардан наметаванад он шох дар рутубати дарахти бузург фосид мешавад, кирм мекунад ва ин кирмҳои шохи худи каркадан ӯро маъюбу маслуқ карда мекушанд. Каркадан ҳам намедонад, ки антисептика чист намедонад, ки фасодро бояд покиза кард. Айнан монанди ирфонситезон зуъм якрав, шитобзада бо зовияи ҷаҳонбинии тангӣ каркадангӣ.

Мушкиле аз ин назари каркадангӣ ислоҳ шуданӣ нест, фалокатзо аст. Нафрати хашмин ба Мавлавӣ дар кураи арзе, ки ҷаҳонӣ шудан дорад.

**Миллати ошиқ зи миллатҳо ҷудост...**



Дарёе мавҷ дар мавҷ ва кафолуд, уфуқе саҳна дар саҳна густурда, сарзамине ту дар ту паҳн, офтобе дурахшанда ва партавфишон, шабе ту дар ту полуда, ситораҳое чашмакзан ва роҳнамо, ҳаёте ҷунбанда ва фарсоянда, ишқе ҳаётбахш ва муваллид, дидоре умеддиҳанда ва ҷонфазо, баҳоре умедбахш, тобистоне камолофарин поизе пажмиронанда, зимистоне, ки ҳамаро барои ҳаёти ҷадид омада мекунад;

Инсоне, ки дар беҷон ҷон меҷӯяд ва дилсӯхтан барои ҷондоронро медонад;

Рӯҳе, ки баҳор ва гули зиндагиро дуст дорад, инсоне, ки барои инсонҳо мегиряд, бороне, ки меборад, боде ки мевазад, офтобе, ки мутаввалид мешавад, моҳе, ки мемирад. Моҳтоб, нури офтоб, гарми иҳотакунанда, ки ғуруррро мегудозад, ашк ва оташи дил:

**Мавлоно!**

Мавлоно поённопазир аст. Чӣ ҳарфи дурусте! Чӣ ҷумлаи муъҷазе! Ҳаёт дар такопуст. Кӯҳна навро месозад. Дунёе як лаҳза пеш, дунёи лаҳзаи баъдро меофаринад?

**Мавлоно!**

Дилам аз оташи меҳрат месӯзад. Чашмам аз муҳаббат мегиряд. Гиряе, ки бо ханда паҳлӯ мезанад, мисли чамане, ки аз намнами борон

нарм мешавад. Чун бӯи хок, ки пас аз кушодани ҳаво ба машом мерасад. Дар ту мурдаам ва фонӣ шудаам, бо ту зиндагӣ мекунам.

**Мавлоно!**

Эй инсони бузург магар ту дар шумор меғунҷӣ? Эй азимтарин қудрат, магар ту ҳадде дорӣ? Магар ту маконе дорӣ? Эй умеди инсоният:

**Мавлоно!**

Остони нуқрафомат меъроҷи олами ҳақиқат; ҳарами васл маҳзари ту; оромгоҳат каъбаи ушшоқ; зодгоҳи қалби инсоният, ишқи ту қалбро бигдозад ва ба дил бадан кунад ва оинаи ту созад, исми ту аз даҳон дарояд, ҷон шавад, ҷонон гардад:

**Мавлоно!**

Киям ман? Савганд ба симои малакутии ту, ба номи зебои ту, ба сухани дилнишини ту... то аз ту сухан меравад худро дар ту мебинам. Ҷудо аз ту нестам, (ман) тӯи, аз ту туро ёд мекунам:

**Мавлоно!**

Ту дар шумор нагунҷӣ, аммо шаш вақфи Шамс аст, ки восилони ҳақ инчунин ҷуста ва ёфтаанд. Орифе ба ту расида ва ба ту бадал шуда, аз даруни ту сухан гуфта, орифе, ки ба чашми ту дида аст. Инон магар шаш ҷиҳати олами ҳастиро андеша кардаанд? Чӣ кардаанд?... Шаш бор номи дилнишини туро бар қалам овардаам, то нафас дорам агар номи туро бар забои оварам сер нахоҳам шуд. Аз ту наметавон сер шуд. Эй зебо, зебои ягона. Сар бар остонат ниҳодам, ҳастии худро дар номи ту печондам ва хомӯш шудам. Ту сухан оғоз кун!

Эй азиз!

Эй азизтарин азизон!

Эй ҷон!

**Мавлоно**

Ин оғози сухан аст. Ин оғозро касе гуфтааст, ки аз қавму табори Мавлоно нест. Як донишманди соҳибдили турк аст. Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ. Ӯ тавонистааст арзи муҳббаташро ба сухан гузаронад. Ин монологи ҳар як соҳибдил, ҳар як аҳли китоб, ки забони тоҷикиро медонад, аммо на ҳар кадоме аз онҳо қудрати ба забон овардани ин эҳсосро дорад, чунин ошиқ ба дигарон монанд нест, зеро:

**Миллати ошиқ зи миллатҳо ҷудост,**
**Ишқ устурлоби асрори Худост.**
**Гар хато гӯяд варо хотӣ магӯ,**
**Гар шавад пурхун шаҳиди он, машӯ**.

Ва агар ӯ хато мегӯяд, суханаш хато нест, Мавлоно иҷозат намедиҳад, ки ӯро хатокор бигӯед, аз баски:

Гар суханҳо каҷ бувад, маниш рост,

Сухани каҷ айб нест, маънии каҷ, дили каҷ айб аст, гуноҳ аст... Имрӯз дар Точикистон камтарин одамеро пайдо кардан мумкин бошад, ки ҳадди ақал замзама накунад:

***Ошиқ шудаӣ ай дил, ғамҳот муборак бод,***
***Занҷири вафодорӣ дар пот муборак бод,***

ё худ:

***Эй ҷони ман, эй ҷони ман,***
***Эй ҷони безинҳори ман.***
***Болотар аз пиндори ман,***
***Эй нури нури нури ман,***
***Эй нури хонадони ман.***

ё насиҳат накунад:

***Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад...***

(ва мутаасифона саросар, ҳамагон ғалат идома медиҳанд):

***Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад...***

Дар сурате, ки дар тамоми нусхаҳо бо ранги сиёҳ дар варақи сафед навишта шудааст: А**қлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад**.

Маълум нест дар кадом лаҳзаи таърихӣ, ба кадом сабаб зеҳни қобили тоҷикӣ, коҳил гаштааст. То ҳадде, ки дар болои дари идорае, ки масъулияташ таълими адабиёти классикии тоҷик аст, ба ҳамин шакли ғалати авомона дар лавҳаи зебо, бо настаълиқи зебо китобат шудааст.

Дар тамоми қаламрави забони тоҷикӣ ва дар тамоми пораҳои ҷаҳон, ки адабиёти тоҷикиро меомӯзанд, дар навбати аввал Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хоҷа Ҳофиз ва бешубҳа Мавлоноро, Мавлавиро, «Маснавӣ»-и Мавлавиро. Қуръони паҳлавиро.

Мо метавонем шахсони арҷманди ҷаҳониро баршуморем, ки назди Мавлоно таъзим кардаанд. Ба монанди Ҳегел ва Ҳуте... ё шахсиятҳои мухтарамеро, ки тамоми умр муҳаббат ба Мавлоно варзидаанд. Чӣ сабаб аст, ки шахсияти Мавлоно ҷаҳонгир, ҷаҳоншумул шудааст, ҷаҳонӣ шудааст?

**Соли Мавлоно чаро?**

Чаро маркази ҷаҳонии фарҳанг, ЮНЕСКО, соли 2007-ро «**Соли Мавлавӣ**» эълон кард?

Мавлавӣ инсондӯст, инсонпарвар аст. Аз ҳадду ҳудуд, пастиву баландиҳои қавмӣ, миллӣ, нажодӣ боло рафтааст...

Рӯзгори Мавлоно, саргузашти шахсии ӯ хушбахтона барои мо равшан ва дақиқ аст: мо медонем, ки ӯ дар хонадони яке аз бузургони тамаддуни исломӣ ба дунё омадааст, дарди мусофират, дарди ҳиҷрати ватанро дар овони кӯдакӣ чашидааст, ҳанӯз дар кӯдакияш файзи назари бузурги замонааш бар ӯ рехтааст, аз лаззати саодати хонаводагӣ, муҳаббати падар, муҳаббати ҳамсар, тарбияти фарзандон баҳравар гаштааст. Бо юнониён, ассуриҳо, румиён, насрониён, яҳудиён, туркону тозиён ва ғайраҳо пайванди дустӣ, иззату икроми муштарак доштааст. Ҳанӯз дар айёми зиндагонияш ҳар қавму мазҳабе ӯро аз худ медонистанд, дар ин қаробату муҳаббат бо як дигар сабқат меварзидаанд. Анҷоми ин сабқат рӯзи дафнаш ба авҷи аъло расид, ки дар ин рӯз аз хонааш то мазораш дар ин сабқат муҳаббати қавмону мазҳабҳо чил тобут пора пора шуд ва чил тобут ҳам бо дастури худаш қаблан сохта шуда буданд...

Имрӯз бояд сухани Мавлоно дастури рӯзгор бошад. *Чун дар ҷаҳон имрӯз 5-нафар сарватманд аз тамоми аҳолии ҷаҳони сеюм даҳ баробар бештар фоидаи пулӣ ба даст меоранд, 1,3 миллиард нафар поёнтар аз сатҳи қашшоқӣ умр ба сар мебаранд, 841 миллион нафар мубталои бемориҳои якумрӣ хастанд, 880 миллион аз хидмати тиббӣ бебаҳра ҳастанд, 13 миллиард бакамбуди оби нӯшиданӣ гирифторанд, 113 милион нафар духтарон имконияти мактаб хондан надоранд, ҳар рӯз 30 хазор нафар аз бемориҳои табобатнашаванда мемиранд, кишварҳое ҳастанд, ки умри миёнаашон 35-сол аст...*

Таълимоти Мавлоно Ҷалолиддин таълимоти инсонгарӣ ва инсонпарварист, яъне таълимоти иззату арҷманд доштани одам ва парвариш кардани одам. Парвариш яъне ғамхорӣ кардан, тарбият кардан, яъне фаро гирифтан бо фарҳанг. Мавлавӣ, ки мегӯяд:

Хоҷа дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст, дар назар дорад, адаб он ҷавҳарест, ки моҳияти инсон, инсон будани инсонро ташкил мекунад ва инсон ҳам он аст, ки дигаронро аз хештан камтар намедонад...

Шояд аз нуқтаи назари масъалаҳои ҷаҳонӣ, ки имрӯз дар маркази диққати сиёсат ва фарҳанги ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд, ба монанди раванди ҷаҳонӣ шудан, ифротгароӣ, терроризм, хатари садамаи экалогӣ, нашъамандӣ... суҳбати мо дар боби инсонгароӣ ва инсонпарварии Мавлавӣ, дар боби таълимоти ӯ оид ба ҷаҳоншиносӣ

ва маданият, дар назар дур рафтан аз моҳияти масъалаҳои доғ намояд. Чунин пиндоштан хато мебуд, зеро масъалаҳои, ки баршумурдем воқеан ҳам мушкилоти доғи ҷаҳонӣ ҳастанд онҳо бояд ҳаллу фасл шаванд. Дар ин таҳлил ва файсала, ки бояд ҳаллу фасл дар атрофи одам бошад (на дар атрофи манфиатҷӯӣ ва худхоҳӣ, равандҳои татбиқ ва тасвиби гегемонизм ва тоталитаризм), таълимоти Мавлоно (албата дар таркиби гуманизми умумибашарӣ), даркорӣ ва шояд мушкилкушо ҳам бошад...

Таълимоташро худи Мавлоно шарҳ додааст, ки бар кадом поя аст:

Аз ӯ пурсиданд:

- ***Маснавиро ба кадом мақсад навиштаед?***

***- На барои он навиштам, ки одамон бар гардан ҳамчун тумор ҳамоил кунанд ва як зарра паст шаванд, балки барои он навиштам, ки зери по биниҳанд ва як зарра баланд шаванд.***

**Нафс аст кадбонуи май, ман кадхудову шӯи ӯ**

Мақсад баланд бардоштани мартабаву икроми одам, ки аз олами ҳайвон аст, аз ҷаҳони ҳайвонӣ, ба сӯи ҷаҳони инсонӣ аст. Як хате, ки монанди риштаи пайвандгар аз тамоми «Маснавӣ» мегузарад, хати таъкид андар таъкиди Мавлоно зарурати маърифату маданият, покиза кардани рӯҳи инсон бо иксири маърифат, ғанӣ кардани рӯҳи инсон бо ганҷи маърифат, ҷасур гардонидани рӯҳи инсон бо мумиёи маърифат аст, то инсон султони кишвари бадани худ, ҳастии худ рӯзгори худ бишавад ва битавонад бо садои баланду бурро бигӯяд:

***Нафс аст кадбонуи май, ман кадхудову шӯи ӯ,***
***Кадбону гар бад мекунад, бар рӯи кадбону занам.***
***Эй корвон, эй корвон, ман дузди шабрав нестам,***
***Ман паҳлавони кишварам, ман теғ рӯ бар рӯ занам.***
***Хез, эй наъими пеши ман, биншин ба зонӯи адаб,***
***Ман подшоҳи кишварам, кай пеши ту зону занам.***

Рӯзгори Мавлавӣ хушбахтона муфассалан барои мо маълум аст. Аз инсондӯстии ӯст, ки духтарони шогирди падараш ва яке аз устодони худаш Салоҳуддинро мегуфт: «***Фотимахотун чашми рост ман аст ва Ҳадияхотун чашми чапи ман аст***». Фотамаро ба акди

писараш Султонвалад даровард. Рӯзи никоҳ ба ин муносибат ғазале гуфт, ки саропо шуру сур аст:

*Зӯҳра қарин шуд бо Қамар, тутӣ қарин шуд бо шакар,*
*Ҳар шаб арӯсии дигар аз шоҳи хушсимои мо...*
*Рақсе кунед эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,*
*Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо...*

Дар туйи писараш на танҳо орифону мунсифон, балки худаш ҳам ба рақсидану чархидан даромад. Сururу шодмонӣ кард чунон, ки дар ҳамин ғазал омадааст:

**К-имшаб бувад даффу дуҳул, некӯтарин колоӣ мо**.

Дар шаби зифоф ғазали дигар ва мактубе навишт, ки моҳиятан дастури арзишманд аст барои навхонагон. Дар ин раванд, ки домод бояд ончунон рафтор кунад, то «ҳар шаб арӯси дигар, арӯси нав ба нав» дар симои ҳамсараш пайдо карда тавонад, зеро арӯси ӯ чуноне дар мактубаш меояд «на аз унсуре аст, ки кӯҳна шавад». «... аз баҳри ин падар ва аз они худ ва аз они  ҳамаи қабила хотири арӯсашро азизи азиз дорад ва ҳар рӯз ва ҳар шабро чун рӯзи аввалин ва шаби гирдак (шаби ҷамъомадан, шаби зифоф) донанд дар сайд кардан ва напиндоред, ки сайд шудааст ва муҳтоҷи сайд нест, ки он мазҳаби зоҳирбинон аст». Хоҷат ба шарҳ нест, ки Мавлоно Ҷалолуддин омезиш ва ҳамсоягии маънавиро аз омезиши ҷисмонӣ муҳимтар, афзалтар медонад.



Ин нуктаҳое ҳастанд, ки дар тадбирҳои мустаҳакам кардани хонаҳои ҷавон, бояд ба таъкид пайгирӣ шаванд.

Порае аз саргузаншти Мавлоно шаҳодат аз он медиҳад, ки ваъзи молиаш чандон хуб набудааст. Вақте «духтари Салоҳуддин (Ҳадия)-ро ба издивоҷи шахсе ба коми Низомуддини хаттот даровардани шуданд... Ҳадияхотун, ки дар хонаи Мавлоно бузург шуда буд, тавоноии таҳияи ҷиҳозро надошта. Мавлоно фармуд то аз сарои Гурҷихотун, завҷаи Муъиниддини Парвона (мудири анбори дарбор)-ро хонданд ва аз вай барои таҳияи ҷиҳози Ҳадияхотун мадад хост. Он

андоза ҷиҳоз фароҳам омад, ки онро сарф карданд ва як нимаи он ба Ҳадияхотун монд... Ин ҳуҷҷат аз саргузашти Мавлоно шаҳодат медиҳанд, ки ӯ имконияти молии фаровон доштааст, эҳтироми Мавлоно дар назди сарватмандони замонаш баланд будааст, яъне эҳтирому иззати аҳли маърифат дар назди аҳли сарват ва давлат бар ҷой будааст, аммо аз ин имконияти фаровони молӣ истифода ва сӯиистифода намекардааст, принсипи «кифоят»-ро риоя мекардааст...

Сарчашмаҳо барои мо дар бораи муносибати мустаҳками дӯстона доштани Мавлоно Ҷалолуддин бо масеҳиён ва пайравони динҳои дигар маълумоти дақиқ додаанд. Аз ҷумла собит шудааст, ки дар наздикии Қуния дайри масеҳиён бо номи «Дайри Афлотун» вуҷуд дошт. Мавлоно бо роҳиби ин дайр дӯстӣ дошт, «баъзе шабҳо ба зиёрати ӯ мерафт ва шабро дар он ҷо сипарӣ мекард. Наметавон донист, ки Мавлоно бо ин роҳиби ориф дар бораи чӣ масоиле баҳс мекард ва дар бораи осор ва афкори Афлотун байни онҳо чӣ мунозирате дармегирифт», (ин дайр ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад, аммо ҳамчун калисо фаъолият намекунад. Имрӯз Чалабиҳо, пайравони Мавлоно чунин одат доранд, ки ҳар сол як шаб ба он но мераванд ва то субҳдам Мавлоноро ба ёд меоранд ашъори ӯро мехонанд, хотираашро зинда нигоҳ медоранд)...

Ин пора аз саргузашти Мавлоно барои рузгори имрӯзаи Тоҷикистон ва тамоми мусулмонони ҷаҳон як амри тааҷҷубовар аст. Унсури таассуби динӣ, мазҳабӣ дар тафаккури миллии мо чунон сахт сироят кардааст, ки агар тасаввур кунем, Имомхатиби як масҷид ё як донишманди мусулмон баъзе шабҳо ба зиёрати як поп, роҳиби насронӣ (дар Душанбе, ки провославӣ ҳастанд) биравад ҳатман ӯро ба кофириву муртадӣ муттаҳам мекунанд. Вазъияти шигифте, мутаноқиза дорем: агар пайравии Мавлоно мекунем, пас бояд таассуб накунем; агар худро ворисӣ Мавлоно медонем, пас чаро таассуб меварзем?

Сабки муоширати Мавлоно бо рӯҳониён ва пайравони динҳои дигар намунаи барҷастаи инсонгароии тамаддуни тоҷикон аст. Хусусан дар даврони мо, ки фосилаҳои замониву маконӣ, чӣ дар рӯзгори моддӣ ва чӣ дар рӯзгори маънавӣ аз байн рафтаанд. Миллатҳову мазҳабҳо дар табодули пайвастаи маънавию моддӣ ба сар мебаранд. Дар раванди ин мавзӯъ он чиз ҷолиби диққат аст, ки гумон меравад эътиқоди инсониро аз фаҳмиши таассуболудаи мазҳабӣ

афзалтар медонад, таълимоту ташвиқи урфиро таассуб мешиносад, ки барои озодии андешаи инсон садди роҳ аст:

**То мадрасаву манора вайрон нашавад,**
**Ойини қаландарӣ ба сомон нашавад.**
**Имон ну куфру куфр имон нашавад,**
**Як бандаи ҳақ ба ҳақ мусулмон нашавад.**

Дар раванди пайгирии масъалаи ҳусни тафоҳуми миллатҳо ва мазҳабҳо як хусусияти Мавлоноро қайд кардан зарур аст, ки сабки нигориш ва мавъизаҳои ӯст: Мавлоно ба иттифоқи назари муҳаққиқони ҷаҳонӣ вижагии баёнаш бар баёни Саноӣ ва Аттор афзалият дорад, ӯ бо забони мардумии тоҷикона (хусусан «Маснавӣ» ва «Девони Кабир»-ро нигоштааст). Дар ин маврид итифоқи назари Абдулбоқӣ, проффесор Рейтер, проффессор Тарзии Афғонӣ ҷолиби диқат аст, ки гуфтаанд. «...аксари осори Мавлоно дар шеваи мардуми Хуросон гуфта шудааст».

Дар идомаи мавзӯъ бамаврид менамояд қайд кунем: ашъоре, ки Мавлоно ба забони арабӣ ва юнонӣ гуфтааст, он ҳам ба шеваи мардумии ин миллатҳо, ки дар Қуния дар айёми Мавлоно Ҷалолиддин ба сар мебурданд гуфта шудааст. Чӣ зарурат будааст барои Мавлоно, ки дар забони арабӣ ва юнонӣ фасеҳу комил буд, шеваи шифоҳиро баргузинад? Ҷавоби ин пурсишро ҳам аз худи Мавлоно меёбем.

Аз паси таълими он бастадаҳан,
Аз забони худ бурун бояд шудан.
Дар забони ӯ бубояд омадан,
То биомӯзад зи ту, ӯ илму фан.

Вақте, ки Мавлоно бо забони юнонӣ шеър мегӯяд, масалан:

Зло калиму эло шаҳиму,
Хорази зидас зи мас иму.
(Биё азизи манн, биё шоҳи ман,
Агар нашъае нисорамон накунӣ.

Як нафаси фораме бо мо бош), мехоҳад бигӯяд, агар чи юнонӣ хастӣ, юнонӣ ва масеҳӣ ҳастӣ, аз мо ҳастӣ, бегона нестӣ, бубин ман ба ту он қадар эҳтиром дорам, ки бо ту бо юнонӣ, бо шеваи юнонии ту, на бо шеваи юнонии Афлотуну Аресту суҳбат мекунам...

Ин усули инсонгароии Мавлоно яъне афзал донистани одам аз мазҳабу фирқа, миллату нажод дар мисоли туркон ва арабҳо низ дар

саросари осораш. «***Маснавӣ», «Девони Кабир», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Мақолоти сабъа», «Мактубот***», мушаххасан ба назар мерасад...

Мактаби одамгароии Мавлоно дарсҳое мегӯяд имрӯз омӯхтанӣ, даркорӣ ҳастанд.

Яке аз дарсҳо ин аст, ки тани одам чист?

Рӯҳӯ ҷони одам чист?

Онҳо бо якдигар чӣ иртибот доранд?

Асли инсон чист?

Одам аз кадом роҳ метавонад аз олами ҳайвонӣ бираҳад, ба олами инсонӣ бирасад, аз лаззатҳои инсонӣ баҳра бигирад?

Масъалаи таносуби рӯҳ ва тан аслан мураккаб, печида аст, ин масъала имрӯз ҳам дар маркази диққати равоншиносон, парапсихологҳо психофизиологҳо ихтисосҳои гуногуни илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ (инсонӣ) аст.

Дар «Маснавӣ»-и Мавлавӣ табиист, ки ин масъала бо мақсади кушодани печидагиҳову мушкилот баррасӣ намешавад. Худи Мавлоно ҳам дар «Маснавӣ» ва ҳам дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ», ҳам дар «Мақулоти сабаъа», ҳам дар «Мактубот» аз нозукӣ ва печидагии ин масъала сухан мегӯяд. Ҳатто дар оғози «Маснавӣ» эълон мекунад:

**Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест,**
**Лек касро диди ҷон дастур нест.**

Дар ин байт агар асли собити исломиро баён мекунад, ки таҳқиқи таносуби ҷон ва тан «дастур нест», иҷозат нест, чун аз ҳақиқатҳоест, ки расидан ба умқи он барои инсон зарурат надорад ва ба ҳукми чанд оёти қуръонӣ ин оқибат «ҳузн» меорад, «зарурат» надорад, «дар истеъдоди одамӣ нест» (чуноне дар Сураи Бақара омадааст: Ясъалунака ъанир рӯҳи... кул инамаррӯҳу мин амрииллоҳи яъне, (эй Паёмбар), мепурсанд туро дар бораи рӯҳ... бигу, ки ҷуз ин нест, ки рӯҳ аз асрор ва амри илоҳист).

Аммо нуктаҳои гуногуни ин масъала дар «Маснавӣ» омадаанд, ки маҷмӯан ва шартан онҳоро ду бахш кардан мумкин аст:

1. Қудрати фавқулоддаи инсонӣ, ки ҳам хусусияти ҳастишиносӣ ва ҳам маърифатшиносӣ дорад.

2. Қудрати ҷисмоние, ки бо қать шудани зиндагӣ дар ҷисми одам маҳв намешавад.

Дар «Маснавӣ» ва «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мақулаҳои «ҷон», «равон», «рӯҳ» мушаххасан таҷзия ва дақиқ намешаванд, аслан ин мақулаҳо аз Афлотун сар карда дар илми имрӯза ҳам дақиқу мушаххас нестанд,

аммо дар психология ва парапсихологияи муосир тамоюли ҷиддӣ, ба самти нисбатан мушаххас шудани онҳо ҷараён дорад.

Яке аз мақсадҳое, ки дар «Маснавӣ» муттасил ва равшан аст ин ҷанбаи маърифати рӯҳу ҷон аст. Вақте мегӯяд:

Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам,
Ҷуфти хушҳолону бадҳолон шудам.
Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман.
Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест.

***Аз ин иқтибос чанд нукта муҳим ҳастанд:***

*а) ҳузури рӯҳ дар вуҷуди хубон ва бадон;*
*б) идроки ҳақиқати рӯҳ ба кадри истеъдоди фард;*
*в) ҳузури рӯҳ дар чашм ва гӯш.*

Барои фардҳои ҷомиае, ки дар ҷараёни шадиди ҷаҳонпайвандӣ аст;

- ин ҷаҳон ба тасдиқи ихтисосмандони маъруфи ҷаҳонишавӣ (Самюел Ҳантингтон, Питер Бюкеннен, Майкл Новак, Ҷонатан Сакс..,) имконияти таваққуф кардан, медитатсия кардан, дар муроқиба рафтан надорад;
- ин ҷаҳон (хусусан дар муҳити ҷамъиятҳои постиндустриявӣ ШМА, Австралия, Канада, Аврупои ғарбӣ...) мубталои бӯҳрони рӯҳонӣ ва маънавӣ аст, идроки ҳақиқати нур доштани чашм аз нуқтаи назари равоншиносӣ (на аз нуқтаи назари психологӣ) агар фаҳмо бошад, нур доштани гӯш як таъбири экзотикӣ, як гуфтугӯи шигифти асримиёнагӣ дониста мешаваду бас. Аммо ҳақиқате, ки Мавлавӣ аз ин бобат мегӯяд, ҳақиқате ҳаст арзандаи инсонӣ.

Дар дафтари аввал мегӯяд: тасаввур кун, ки баъд аз маргат як нафаре, ки бисёр туро дӯст медошт ба сари ҷасади ту меояд:

Бинӣ аз ганди ту гирад он касе,
Ки ба пеши ту ҳамемурдӣ басе.
Партави нутқ аст рӯҳу чашму гӯш,
Партави оташ бувад дар оби ҷӯш.

Қаблан дар ҳамин пора ташбеҳи дигаре ҳаст, ки масъаларо барои мо равшан мекунад:

Гарчи оҳан сурх шуд, ӯ сурх нест,

Партави орияти оташзанест.

Яъне, сурхие, ки дар оҳани курраи оҳангар мебинем, аз оташ нест, балки аз оҳангар аст, ки ба воситаи оташ оҳанро сурх кардааст. Қудратҳои инсон нутқ, биноӣ, шунавоӣ ва ғайра ба монанди зуҳури арозии оташ дар сурхии оҳан ва дар гармии об мебошад. Асли вуҷуди бадани одам ҳам рӯҳ аст, ки чун тарки бадан мекунад, бадане, ки мавриди муҳаббати шадиди як нафар буд, ба як моддаи гандида бадал мешавад, то ҳадде, ки ошиқи ин бадан вақте онро берӯҳ мебинад, аз гандагии он руй мегардонад, нафрат мекунад. Асли «Маснавӣ» аз ибтидо то интиҳо агар:

1. нақли Қуръон бо забони паҳлавӣ аст;

2. тарғиби маърифат, даъват ба сӯи маърифат аст;

3. исботи ҷаҳони маънавӣ ва лаззатҳои маънавиву рӯҳонӣ мебошад, ки аз назари Мавлавӣ арзиши баланд дорад.

Ин арзиш то он ҷо волост, ки инсони хокӣ чун ҷаҳони рӯҳонӣ ва маънавиро фаро мегирад афзалтар мешавад аз малак:

***В-аз малак ҷони Худовандони дил,***

***Бошад афзун, ту таҳайюрро биҳил.***

### Сурати бе ҷон набошад ҷуз хаёл



Чун ба инҷо расидем раванди андеша ногузир моро ба ҳикмати ишроқ мекашад, ки маърифатро ба касбӣ ва завқӣ бахш кардааст. Аз айёми Мавлавӣ то Суҳравардӣ ҳанӯз

фосила зиёд аст, аммо Мавлоно аз лаззоти маърифати завқӣ густурда сухан мегӯяд:

Тоаташ нағз асту маънӣ нағз не,
Ҷавзҳо бисёру дар вай мағз не.
Завқ бояд, то диҳад тоъот бар,
Мағз бояд то диҳад дона шаҷар.
Донаи бемағз кай гардад ниҳол,
Сурати бе ҷон набошад ҷуз хаёл.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар дафтари саввум дар боби «Мунҷазиб шудани ҷон низ ба олами арвоҳ ва тақозои ӯ ва майли ӯ ба мақарри ӯ мунқатеъ шудан аз аҷзои ашё, ки бунёди рӯҳанд», мефармояд:

Гӯяд, эй ақзои пасти фаршиям,
Ғурбати ман талхтар, ман аршиям.
Майли ман дар сабзаву оби равон,
3-ин бувад, ки асли он омад аз он.

(Яъне асли ҷисми одамӣ аз модда аст. Ин маънӣ дар ҳамин дафтар дар байти 3900 ва баъд равшантар меояд).

Бо раванди таҳаввули ҷисми одам, ба истилоҳи Чарлз Дарвин «эволютсияи одам» аз назари Мавлоно зина ба зина шарҳ мешавад: навъи одам аз ҷамодӣ оғоз мешавад. Шурӯъ нумӯ ба истилоҳи «Донишнома»-и Буалӣ аз пояи наботӣ аст.

Мавлоно онро «нумӯ», «ном» мехонад. Сипае ба зинаи тараққии ҳайвонӣ мерасад. Дар ин боб ва зина Мавлоно ба баррасии таносуби ҷону тани одам мегузарад, чу машраби ӯ машраби ирфон аст. Аммо дар қиёс бо Ибни Сино, ки машраби машшоъ дорад, ин масъаларо ба гунаи дигар ҳал мекунад.

Ибни Сино баъд аз ин диққат ба тарбият медиҳад, ки ин раванд дар ҷаҳонбинии имрӯза, бо таъбири фаро гирифтан бо маданият, шинохта мешавад. Ақидаи Ибни Сино ин аст, ки агар фарзанди инсон бо ҳосил кардани малакай ҳайвонӣ, эҳсоси хавфу хатар, эҳсоси гуруснагӣ фарқ кардани гармӣ, сардӣ ва ғайра, бояд мавриди тарбият қарор гирад. Ин сабки Бӯалӣ ҷанбаи дунявӣ ва мадании барҷаста дорад.

Фарқияти баррасии масъала аз ҷониби Мавлоно Ҷалолиддин ин аст, ки ӯ диққат ба чанбаи рӯҳонии масъала медиҳад, гарчанде

ҷараёни то дараҷаи одамӣ расидани инсонро ба монанди машшоъиён мебинад:

Аз ҷамодӣ мурдаму Одам шудам,
Пас чӣ тарсам, кай зи мурдан ком шудам.

Оғози тараққии одам аз ҷамод аст, яъне аз нутфа. Баъдан дараҷаи сабзидани одам оғоз меёбад, ки онро Мавлавӣ «номӣ», яъне мавҷуде, ки истеъдод, қудрати нумӯ кардан дорад. Ин истилоҳро машшоъиён «набат» (яъне қудрати сабзидан, рустан дорад) меноманд.

Мавлавӣ мегӯяд:

***Аз ҷамодӣ мурдаму номӣ шудам,***
***В-аз нумо мурдам ба ҳайвон барзадам.***

Истилоҳи «мурдан», ки Мавлоно истифода карда аст дар ин матн ҳаргиз маънои маҳв шудан, аз байн рафтанро надорад. Дар ин матн ба маънои аз сар гузарондани як зинаи тараққӣ, оғози тараққӣ дар зинаи оянда аст. Идомаи андешаи Мавлавӣ чунин аст:

Ҳамлаи дигар, бимирам аз башар,
То барорам аз малоик парру сар.
В-аз малоик боядам ҷастан зи ҷӯ,
«Куллу шайин ҳолик илло ваҷҳуҳу».

(ин ишора ба ояти Қуръонӣ аст, ки тарҷумааш чунин аст: ҳар чизе ҳалок мешавад, магар Худованд).

Бори дигар аз малак қурбон шавам,
Он чӣ андар ваҳм н-ояд, он шавам,

(Ин ҷо зарур аст ба Шайх Саъдӣ рӯй оварем, ки барои равшан шудани мавзӯъ кӯмак мекунад. Рӯй овардан ба Шайх Саъдӣ аҳамияти методологӣ ва амалӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, ки ҳарчанд Шайх аз ҷумлаи сӯфиён набуд, аммо ба ин ҷараён таваҷҷуҳи самимона дошт, онро хуб медонист.

Он ҷо ки мегӯяд:

Таярони мурғ дидӣ ту зи пойбанди шаҳват,
Бадар ой, то бубинӣ таярони одамият,

аслан як маънии соддаро мегӯяд, содда на барои тафаккури авомона, аммо барои тафаккури аҳли саводи замонааш, ба истилоҳи имрӯза, барои қишри зиёиён. Матлабаш ин аст, ки инсон то даме, ки дилбаста, вобастаи шуғлу лаззатҳои моддӣ, «хуру хобу хашму шаҳват», аст, дар банда «Шағаб асту ҷаҳлу зулмот». Шағаб, яъне ғавғои беҳуда, фитна, фасод, хашме, ки хосияти хайвонӣ дорад. Ҷаҳл, яъне дар сароби ноогоҳӣ, бемаърифатӣ мондан, зуъм намоиш додан аз

мавқеи ҷаҳонбинии бемаърифат. Зулмат, агар содда бигӯем, ҷаҳл дар дараҷаи роят, камоли ҷоҳилият, дар ҳадде, ки як нафар зулм ба ҷони худ мекунад ва онро хайр эҳсос мекунад. Як ҳолати акси хусусияти ҷаҳони инсонӣ...

Зимнан, дар мисоли ҳамин ғазал натиҷа гирифтан имкон дорад, ки Шайх Саъдӣ қудрати маърифат ва истеъдоди фавқулоддаи адабӣ доштааст. Ӯ тавонист дар ғазал истилоҳи тасаввуфро дар шеър дақиқ истифода барад. Бояд дар назар дошт, ки чунин дақиқӣ, сароҳат дар матнҳои ҳатто худи классикони суфия кам ба назар мерасад. Дар аксари маврид истилоҳот ҷои якдигарро иваз мекунанд, ғазаб хашмро бозгӯ мекунад, ё баръакс ва ғайра...

Он чӣ ки аз Шайх Саъдӣ дар маврди таносуби рӯҳу тан матлаби мост ин аст:

Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набинад,
Бинигар, ки то чӣ ҳад аст макони одамият.

«Макони одамият», яъне имкону имконияти одам, қудрати ӯ, тавонмандии рӯҳонии одам. Бешубҳа аввал ин маъние, ки аз ин байт ба зеҳн мерасад. Албатта «Аналҳаққ»-и Мансури Ҳаллоҷ аст. Аммо аслу арзиши андешаи Саъдӣ ин аст, ки қудрати тарбият, тараққии рӯҳоният, маънавияти инсонро шинохтан аст. Он мартабаро танҳо хоси Мансур намедонад. Онро барои ҳар як нафари собитқадам, ки завқу лаззати маънавиётро чашида тавонистааст, имконпазир медонад.)

Дар ин маврид, нуктае ҳаёт, ки фарқияти куллии ҷаҳонбинии машшоъиён ва тасаввуфро таҷассум мекунад. Аз ҳамин нуқта мо имкони идрок кардан дорем. Ба гуфтаи Мавлоно:

«...он чӣ ёфт менашавад, онам орзуст».

Ҳиммати Мавлавӣ дар шинохти тараққии фарзанди одам бисёр баланд аст. Матлаб ин аст, ки инсон дар раванди комил кардани қудрати рӯҳонии худ имкон дорад то дараҷаи ҷаҳони қудсӣ бирасад. Яъне «он чӣ андар ваҳм н-ояд, он шавам».

Идомаи андешаи Мавлоно:

***Пас адам гардам, адам чун арғунун***
***Гӯядам: «инно илайҳи роҷиъун».***

Пайгирӣ кардан аз таносуби арғунун ва мусиқие, ки аз арғунун берун мешавад, аҷиб аст. Тасаввур кардан мумкин аст, ки рӯҳи инсони комилшуда ба монанди мусиқӣ, садое, ки аз арғунун бармеояд дар

олами қудсӣ, малакутӣ ҳал мешавад. Аммо матлаби Мавлоно ин аст, ки одам ба монанди садое, ки аз арғунун берун меояд, аз ҷақони илоҳӣ берун омадааст ва ба амри «**Бозгард!**» боз ба олами илоҳӣ бармегардад, ба монанди садои арғунун, ки ба арғунун бармегардад. Дар раванди таҳаввул ва такомули одам аз ҷамодӣ то дараҷаи малакутӣ иксире, ки ӯро комил мекунад, ишқ аст, роҳнамое, ки ӯро мебарад ишқ аст. То дараҷаи одамӣ расидан, яъне дар зинаҳои ҷамодӣ, наботӣ, ҳайвонӣ талаботи одам ҳайвонӣ аст, то ҳадде, ки дар мисоли ҷанин, ки Мавлавӣ, онро «хунхора» мегӯяд:

***Чун замину чун ҷанин хунхораам,***
***То ки ошиқ гаштаам инкораам***.

Ишқ аст, ки инсонро аз хунхорагӣ, ба ва гилхорагӣ, ба нурхорагӣ меорад. Ин раванд инсонро на охурбин, балки охирбин мегардонад. Мақсад; тараққии рӯҳонии одам аст.

Ин хатти таҳаввули такмили рӯҳонии одам, дар саросари «Маснавӣ» яке аз хатҳои бунёдӣ аст. Инсон бояд, пайваста дар андешаи камолоти рӯҳониву маънавии худ бошад, вагарна ӯ на «мағзхора», балки пӯстхора мешавад, ба монанди ҳайвон дар вобастагӣ ба талаботи танпарварона ва худхоҳона мемонад.

Матлаби Мавлоно арҷманд, шарофатманд, хирадманд, яъне нуронӣ ва пурмаъно гардонидани фарзанди одам аст.

* * *

Ғизо бояд дар шароити оддии табиӣ барои хӯроки одам шудан омода шавад. Мисоле, ки имрӯз дар маркази диққати ҷаҳониён аст, мавриди баҳсҳои шадиди на танҳо илмӣ, ҳатто иқтисодӣ ва сиёсӣ шудааст истифодаи гӯшти мурғи дар шароити сунъӣ парваришёфта аст: мурғе, ки аз замин, офтоб, ҳавои кушод, муҳити табиӣ баҳра намегирад, дар фабрикаи барқӣ парвариш меёбад, дар вуҷуди худ салманела ҷамъ мекунад. Салманела беиштар дар рону пои мурғ ҷамъ мешавад. Истифодаи пои чунин мурғ дар тани инсон бемории салманелозро пайдо мекунад, ки ба ҷони одам хатар надорад, аммо қудратҳои ақлонии одамро заиф мекунад. Дар илми муосир чунин ақида вуҷуд дорад, ки ин навъи маводи ғизоӣ яке аз силоҳҳои стратегии сарварони раванди ҷаҳонишавӣ аст, яке аз силоҳҳои пуршумори набарди равонӣ...

Рӯҳ дар «Маснавӣ» кадом сифатҳоро дорад, он чигуна тасаввур мешавад?

Агар дар ин ҷустуҷӯ, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ, тезиси машҳури ирфониро, ки Ҷалолиддини Балхӣ ҳам онро пазируфтааст бигирем, яъне ҷисм, тан зулмонӣ аст ва аз ин равшантар дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мегӯяд: «***вуҷуди одамӣ мисоли мазбала аст***» (сах.110) яъне як вуҷуди моддие, ки ҳамагӣ аз нуқсону нопокӣ иборат аст. Он чизе, ки ин вуҷуди мағшушро ба истилоҳи Шайх Саъдӣ «шариф» мегардонад, маърифат аст. Маърифат яке аз сифатҳои нур аст. Нур ҳам аз ҳайси моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ҷавҳари заминӣ нест, ҷавҳари қудсӣ, илоҳӣ аст. Ба истилоҳ ҷавҳари фавқуттабиӣ, трансенденталӣ аст...

Яке аз сифатҳои маърифат, ба тbabри фавқулодда сироят кардан ба дигарон аст. Чунончи дар саҳифаи 203-и «Мавлавӣ» омадааст:

Бар шутур зад партави андешааш...

Ин ҷо сухан дар бораи ба таври ғайриоддӣ сироят кардани иродаи муш бар шутур аст. Ҳатто ғизои одам ба сифати тафаккури ӯ таъсир дорад ва он чи масбут аст ин аст, ки ғизои ҳалол тафаккурро мунаввар мекунад:

Ҳар, ки дар вай луқма шуд нури ҷалол,
Ҳар чӣ хоҳад то хӯрад ӯро ҳалол.
Ҳарфи ҳикмат хур, ки шуд нури сатир,
Эй ту нури беҳуҷубро нопазир.
То пазиро гардӣ ту он нурро,
То бубинӣ беҳуҷуб мастурро.

Чун ситора сайр бар гардун кунӣ,
Балки бе гардун сафар бе чун кунӣ. (с.248)

Нафаре, ки маърифатгаро аст, истеъмоли аслиаш, на танҳо ғизо, балки ғолибаи «ҳарфи ҳикмат» аст, нури маърифат айбҳои ҷузъӣ, аразии ӯро сатр мекунад. Мавлавӣ таъкид мекунад, ки соҳибмаърифат гаштан «пазиро гаштан нурро» кори саҳл нест. Барои саҳибмаърифат шудан, нуронӣ шудан, иродаи қавӣ, кӯшиши билофосила, ба монанди сайри бетанаффуси ситора дар гардун, бояд карда бошад. Ин иродат ва саъй бояд бе чуну чаро бошад (машраби бунёдӣ, илҳомӣ, завқии Мавлавӣ, на истидлолӣ ва иктисобӣ), ин сайри билофосилаи фикр, ба гардуна, ба воситаи сайру сафар, ба аспу ароба эҳтиёҷ надорад, (бегардун, гардун яъне гардуна аробаи зудсайр, ки аслан дучарха мешавад).

Ин сайру сафар ҷидду ҷаҳди бетанаффуси фикр ба андешаи муътақиди Мавлавӣ инсонро ба дараҷаҳои ғайриоддӣ расонда метавонад. Ба мартабае, ки ҳақиқатеро дармеёбад, ки «дар забону дар баён дар наоянд», «дар китобу дар хитоб (яъне дар нутқ), баён намешавад» (с.248).

Ин тезиси Мавлавӣ табиист, ки ҷамбасти ирфонӣ мегардад:

Ошиқи сунъи туам дар шукру сабр,
Ошиқи маснуъ кай бошам чу габр?
Ошиқи сунъи Худо бофарр бувад.
Ошиқи маснуъи ӯ кофар бувад.

1. Аз ин натиҷаи Мавлавӣ ду хулосаи зид ҳосил мешавад: решаи андешаи Мавлавӣ миллӣ, тоҷиконааст, ки ба ҷаҳонбинии маърифатгароён, ҳикмати хусравонӣ, ҳикмати нур мерасад. Оғози ин ҳикмат муқаддамтар аз «Авасто» аст. Истилоҳи «фарр» яке аз истилоҳоти бунёдии ҷаҳонбинии Мавлоно, решаи мустаҳкам дар ҳикмати хусравонӣ, ҳикмати нур, ба истилоҳи Шаҳобидин Суҳравардӣ «***хикмати Фурси қадим***», аст.

2) «Габр»-ро инсоне ҳисоб мекунад, ки алоқаманди асл нест, алоқаманди фасл, фаръ, ҷузъ аст. Мавлавӣ гузаштагони тоисломиро (дар ин пора, на дар ҳама ҷо) оташпараст мешиносад, ва ҳатто «маҷус» меномад, балки «габр» меномад, ки ҳақиқат ҳам дорад. Дар таърихи ақидатии тоҷикон ба ғайр аз маздоиён (маърифатпешагон, парастандагони Маздо-ясно, ки яктопараст, аҳли тавҳид, аҳли китоб буданд. Ба ҳукми Қуръони карим дар сураи «Ҳаҷ» сареҳан аз мушрикон набуданд), мазҳабҳои дигар, меҳргароӣ, дуруҷгароӣ (парастондагони Аҳриман, деви дуруҷ, Драега, монавиён, маздакиён, насрониён, буддоиён, собеиён ва ниҳоят оташпарастон ҳам буданд. Ин гурӯҳ дар адабиёти клласикӣ бо унвонҳои «гулахӣ» «оташпараст», «габр» мусаммо шуданд.

Хулосаи дуюм аз ин пораи «Маснавӣ» он аст, ки тафаккураш аз обишхӯри мусаффои бостон баҳра бурда, дар айни замон аз ин обишхӯр парҳез дорад.

Аммо ҳамоно машраби андешааш дар тариқи ваҳдоният устувор аст. Риштаи андешаш муттасил аст, халаъе, ковокие, гусастагие надорад. Ҳидояти устувору равшан аст: парастандаи сонеъи якто, нуронӣ, бофар аст. Он ки парастандаи маснуъи сунъи Худованд бошад, кофар аст; (яъне (а) аҳди ваҳдат нест; (б) ҳақиқатро нодида

мегирад, инкор мекунад, кафорат мекунад, яъне донista ё надониста ҳақиқатро мепӯшонад).

Дар боби қудрати тафаккури мунаввар, нуронӣ мегӯяд:

Замҳарир ар пур кунад офоқро,
Чӣ ғам он хуршеди бо ишроқро.

Агар сардии маънавӣ ва сардии воқеӣ замину замонро яхбандон, кунад, нури маърифатро боке нест, ба монанди ин ки хуршедро аз яхбандон бок нест. Аммо аҳмақӣ, ҷаҳолат, бемаърифатиро дарди бедаво медонад:

***Ибтило ранҷест к-он раҳм оварад,***
***Аҳмақӣ ранҷест, к-он заҳм оварад.***
***Он чӣ доғи ӯст, муҳр ӯ кардааст,***
***Чорае бар вай наёрад бурд даст...***

(Истиноди Мавлавӣ ба ояти шаши сураи бакара аст:

«*Муҳр кардааст Аллоҳ Таъоло бар дилҳои онҳо, бар гӯшҳои онҳо ва бар чашмҳои онҳо, бо парда, гишова*»), Исботу мисоли ии таълимот саргузашт ва ҷаҳонбинини худи Ҷалолуддини Румист, ки ҳанӯз дар айёми зиндагии худ таассубу хурофоти мазҳабиву қавмиро пушти сар кард, то имрӯз ва то ҷовидон (масалан барои туркҳо ва барои ҷаҳониён мавриди муҳаббати фавқулода аст) намунаи олии инсонгароӣ, ҳусни тафоҳум, ваҳдати навъи инсон ҳаст ва хоҳад буд.

Дар тафсирҳои муътабари Ибни Таймия, Имом Фахриддини Розӣ, Девбандӣ ва дигарон хусусан дар тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ «ғишоватун» ба маънии парда, пӯст, мушахассан пӯсти сангпушт меояд. Яъне, мақсади Мавлавӣ, ки бар заминаи Қуръонӣ аст чунин аст: ҳар бало, беморӣ, ранҷ дар дили инсон раҳм бедор мекунад, он шояд даво дорад. Аммо аҳмақӣ, бехабарӣ, чаҳолат, дарду ранҷеанд, ки он (а) даво надорад, ранҷу заҳмат (захм) ба бор меорад.

Таносуби рӯҳ ва тан дар Маснавӣ масъалаи ҷиддӣ ва пургиреҳ аст. Аммо натиҷае, ки аз ин баррасии мухтасар аз нуқтаи назари пайванди Мавлавӣ бо тафаккури имрӯзаи Ватанамон мегирем ин аст, ки рӯҳу ҷони одам чавҳарест қудсӣ баландтар аз ҳақиқатҳои муқарарӣ «транссендентӣ», хориқулодда.

Ҷони одам ҷавҳари нуронӣ аст. Парвариши ҷон имкон дорад. Тарбияти оқилонаи он дар машраби маърифатгароии Мавлавӣ одамро ба дараҷаи камолоте мерасонад, ки дар он мартаба инсон қудрат пайдо мекунад: наёфтаниҳоро биёбад; нагуфтаниҳоро гуфта тавонад; ҳақиқате, ки дар китобу дар нутқ нест, ба даст биёрад; аз

маърифати иктисобӣ болотар биравад; маърифати завқӣ ҳосил кунад; зиндагии зебо ва саршор аз лаззатҳои рангоранг ва гуногун ба сар бибарад.

Тасаввуроти муосирон дар бораи рӯҳ ва тан чӣ гуна аст? Аз мутфаккирони шарқ яке аз пешрафтагон, мутафаккири маъруфи эронӣ устод Муртазо Мутаҳҳаррӣ аст. Ӯ таносуби рӯҳро дар бадани инсон ин гуна шарҳ медиҳад:

***«Илми имрӯза ҳам дар бораи инсон ба як чунин кашфе ноил шудааст. Дар қадим ғолибан интур хаёл мекарданд, ки ҷисми ман ҳамин чизест, ки ман дорам мебинам рӯҳи ман ҳам ҳамин аст, ки худам дар (ҳамин) замири худам мебинам. Аз замир ва дили худам, ки худам бохабар ҳастам. Ин рӯҳи ман, ин ҳам ҷисми ман; пас ман агар аз ҳар чӣ хабардор набошам аз ҷисм ва рухи худам бохабарам. Вале равонковии имрӯз собит карда, ки аз рӯҳи инсон фақат миқдори каме барои инсон пайдост ва бештарини ӯ барои инсон махфист. Ин чур мисол мезанад, мегӯяд: шумо як ҳиндувона (тарбуз) ё як қитьа яхро биандозед дар ҳавз, баъд бубинед аз ин ҳиндувона ё қитъаи ях чӣ қадар аз об берун аст ва чӣ қадар даруни об аст: Вақте, ки нигоҳ мекунем, мебинем ин ҳиндувона ё ин ях миқдори аз он об берун аст бақияи зери об аст. Мегӯянд рӯҳи инсон ҳам ин тур аст, миқдори каме аз рӯҳи инсон барои худи инсон ошкор аст. Миқдори бештари рӯҳи инсон аз худи инсон ҳам махфист. Ҳар кас як дунё даруни махфӣ аз худаш дорад. Онро мегӯянд «дунёи шуури ботин» ки гоҳе он дунёи даруни махфӣ..., дар хоб ё дар ҳоли бедорӣ, дар ҳоли ғазаб ва хашми асаре берун медиҳад».***

Ин тасаввуроти Муртазо Мутаҳҳаррӣ дар бораи рӯҳ ва таносуби он бо бадани инсон, ишора намешавад, ки аз осори равоншиносии (ба истилоҳи худаш равонковии) муосир гирифта шудааст. Тақрибан гумон меравад, ки ишораи Мутаҳҳарӣ ба мактаби равоншиносии олими олмонӣ Зигмунд Фрейд ва таҷрибаҳои у дар бораи рӯҳи инсон, хусусияти он дар ҳолати хоб, бедорӣ, хашм ва нафрат рабт дорад.

Муртазо Мутаҳҳаррӣ дар таъбири рӯҳ бо ҳамин иктифо мекунад ва рӯ меоварад ба Мавлавӣ Ҷалолуддин. Қайд кардан зарур аст, ки таълимоти Мавлавӣ Мутаҳҳарриро қаноатманд мекунад. Ӯ бо эҳсоси баланди эхтиром ва иззат нисбат ба Мавлоно менависад:

«Мавлавӣ фавқулодда аъҷуба (яъне нобиға, нодир) аст. Дар масоили рӯҳӣ аҷиб аст. Бо ин, ки ин назарияро равоншиносон дар қарни 20 кашф кардаанд, вале ин ориф ва хеле аз орифҳои дигар, ки

дар масоили рӯҳӣ ворид ҳастанд, ба назири инҷур матолиб бархӯрд кардаанд.

«Эй инсон ту хаёл макун, ки ботини худатро хуб шинохтаӣ. Масал инҷур меоварад:

Баҳри ғусл ар дарравӣ дар ҷӯйбор,
Бар ту осебе занад дар об хор.
Гарчи пинҳон хор дар об аст паст,
Чунки дар ту мехалад донӣ, ки ҳаст».

Мутаҳҳарӣ шарҳ медиҳад, ки эҳсосоте вуҷуд дорад ба ғайр аз панҷ эхсоси зоҳирӣ. Ин албата ақидаи маълум ва машҳур аст. Ва боз аз Мавлавӣ иқтибос мегирад.

«Чор кори ҳиссҳову васваса,
Аз ҳазорон кас бувад не як каса...

Ту гоҳе хаёл мекунӣ, ки як мавҷуди бисёр пок астӣ, ва ҳеч айбе ва нуқсе надорӣ, вале агар таваҷҷуҳ кунӣ, гоҳе аз рӯи як кор (корҳои рӯҳи, ки дар ту пайдо мешавад). Бояд бифаҳмӣ, ки дар дарунат як чизе ҳаст, ки худат аз он бехабар ҳастӣ».

## «Дӯст дорам, ки чашми дигарам, ки ҳам кӯр шавад, ки ҷуз ӯ дигареро набинад...”

Мутаҳҳарӣ барои хусусияти рӯҳ як мисоле аз саргузашти қабл аз давраи рисолати Пайғамбари Акрам (с) меорад, ки он аз ҳадис аст: «Дар муддате, ки гӯсфандчаронӣ мекардам, гоҳе медидам ин гӯсфандҳо мисли ин, ки як таконе хуранд, вале ман чизе эҳсос намекардам. Аммо баъд аз ин, ки ба нубувват расидам пурсидам гуфтанд, ки ин ҳайвонҳо садоҳоро мешунаванд, ки инсонҳо намешунаванд».

Аз ин саргузашт натиҷаи ирфонӣ мегирад:

«Аслан ибодат барои чист? Барои ин аст, ки дар мо нури иннният пайдо мешавад, яъне ҳамон ҳисе, ки исмашро ҳисси шашӯм бигзорад ва ё ҳисси даҳум, ва ё садум. Барои ин аст, ки балки ба умки олам ба он ҷони олам роҳ пайдо кунад.

Худамон чанд дил пайдо кунем ва бо ҷони олам ошно шавем. Фахри Розӣ як рубоӣ дорад, рубоии хубе аст:

Тарсам биравам олами ҷон нодида,
Берун равам аз ҷаҳон, ҷаҳон нодида

Дар олами ҷон чун равам аз олами тан?

Дар олами тан олами ҷон нодида

Мегӯянд вақте, ки ҳанӯз дар ин ҷо ҳастам ва ба олами ҷон ошно нашудаам. Баъдаш ҳам дигар фоида надорад, вақте, ки бимирам кӯр мурдаам».

Ин масъаларо Муртазо Мутаххарӣ муфассал пайгирӣ мекунад. «кӯр будан»-ро аз матни Қуръони карим бо мисол, далелҳои масбут баррасӣ мекунад. Шайх Аҳмади Исфаҳонӣ устоди Таботабоиро ки як чашмаш кур будааст, ёдовар мешавад. Шайх Ахмад гоҳ-гоҳе мегуфтааст: ***«дӯст дорам, ки чашми дигарам, ки ҳам кӯр шавад, ки ҷуз ӯ дигареро набинад*»**.

Мисоли дигар Абдуллоҳ ибни Умми Мактуми саҳобаро мегирад, ки ба сабаби такаббур кардани Усмон дар баробари ӯ ояти «Абаса ва таалло ан ҷоаҳул аъмо» (рӯй турш кард ва руй гардонд, чун кӯре ворид шуд).

Масъала то ояте аз сураи «Ҳадид», «явма яқулул мунофикуна вал-мунофиқоту лиллазина оману анзурно нақтабису мин нурикум», «-(рӯзи [маҳшар] заноӣ ва мардони мунофиқ аз аҳли имон, [ки нуронӣ ҳастанд], илтифот талаб мекунанд, ки аз нури онҳо истифода, кунанд, ки [роҳи зулмони худамонро бинамояд])» ва чавоб мегиранд: «арҷиъу вароакум фалтамису нуран, (ба дунё бозгардед ва нур ҳосил кунед).

Мутаҳҳарӣ курӣ ва биноии ҷисмониро, ҳамчун як олими илоҳиётшинос шарҳи динӣ медиҳад: рушноии дил, нури ботинӣ дар натиҷаи тоъату ибодат зикри асмои ҳусно, одоби ҳамида ҳосил мешавад.

Аз нуқтаи назари дунёшиносӣ ва охиратшиносӣ талаб кардани нур дар охират бенатиҷааст. Мартабаи нуронӣ шудани сирати инсон танҳо дар ҳамин дунёи воқеъӣ имкон дорад. Мутаҳҳарӣ намегӯяд, ки ин қисмати андешааш аҳамияти дунявӣ дорад. Нақши маърифатофаринии тарбият, таълим ва комил кардани қудратҳои зоҳириву ботинии инсонро сареҳан қайд ҳам намекунад. Ба ҳар сурат идрок кардан мумкин аст, ки ӯ чунин андешаҳоро дар назар дорад.

Дар ин маврид Мавлоно мушаххасан ишора мекунад: Он табибони табиат дигаранд,

Ки ба дил аз роҳи набзе бингаранд.

Таппишу тағйири набз вазъи ҷисмонии одамро нишон медиҳад, ки ин ихтисоси «табибони табиат», табибони ҷисмонӣ аст,

Мо ба дил бевосита хуш бингарем,

К-аз фаросат мо ба олам манзарем.

Усули шинохт, таҳқиқ ва ташреҳи инсон барои Мавлавӣ усули «бевосита» (бевосита тадқиқ, ташреҳ, таҳлили набз) аст. Ин усул, ин метода тадқиқ дар улуми муосир танҳо дар равоншиносӣ истифода мешавад, он ҳам албатта дар шакли парапсихология, медитатсия ва монанди инҳо. Ин ду метода тадқиқ албатта шабоҳат доранд, аммо фарқияти сабки Мавлоно ин аст:

1) бевосита яъне «бечуну чаро», бедалел бидуни детерминизм, бидуни истидлол. Асли ин сабк имони бечуну чаро аст. Ҳуҷҷати равшанаш ин аст:

***Офтоб омад далели офтоб,***

***Гар далелат бояд аз он рӯ матоб.***

Он чӣ мегӯяд «олиманзаре», яъне мавсуф ба мартаба ва мақоми олӣ расидааст. Ин мақому мартаба аз фаросат ба даст омада аст. Истилоҳи «фаросат» як ҳадд, сарҳад, зина, мартабаи ҳастӣ, ки метавон ба воситаи ин мақула ҷаҳони ҳайвониро аз ҷаҳони инсонӣ ҷудо кард.

Ин мақула махсуси маърифати завқӣ аст, на иктисобӣ (омӯхтанӣ). Дар ин маврид ёдрас шудани танҳо ин ҳақиқат зарурат аст, ки маърифати завқӣ расидани бевосита ба ҳақиқат аст.

2) Аммо ҳаргиз тасаввур кардан дуруст нест, ки маърифати завқӣ маърифате бошад безамина, беомодагӣ, бемашқ, фаврӣ аз ҷониби субъект ба объекта маърифат, балки маърифатест, ки бунёди қавии омодагиии илмӣ ва рӯҳонӣ дорад. Ҳатто дар низоми маърифати Шаҳобуддини Сухравардӣ (ҳикмата завқӣ, ҳикмати мутааллиҳа) дақиқан гуфта мешавад, ки барои идроки ҳикмати завқӣ чунин омодагиҳо зарур ҳастанд: фаро гирифтани ҳикмат, мантиқ, риёзиёт, покизагии нафс (таҳзиби нафс)...

Мавлавӣ олимони улуми табиатро табибони «ғизо ва симор» меноманд, ки тарбият ва табобати ҷони ҳайвонӣ аз онҳо вобаста аст.

Он табибони ғизоанду симор

Ҷони ҳайвонӣ бод эшон устувор.

Масъулияти «олиманзарон»-ро тарбият ва табобати гуфтор, кирдори ҷомеъа мешиносад. Марҳам, нӯшдорӯе, ки ҳакимони ҳикмати завқӣ барои тарбият ва табобат истифода мекунад, партави «нури ҷалол» аст:

* * *

Таносуби рӯҳ ва тан, ҷон ва тан мавзӯест, ки ҳамеша дар мадди назар ва таҳқиқи илмҳои гуногуни инсоншиносӣ ва табиатшиносӣ буда ҳаст ва мемонад.



Дар «Маснавӣ» ин масъала ҳам аз назари ҳастишиносӣ, ҳам аз назари маърифат, ҳам аз назари падидаҳои хориқулодда баррасӣ шудааст. Хулосаҳое, ки аз ин таҳқиқ дар «Маснавӣ» ҳосил мешаванд чунинанд: Дар «Маснавӣ» муҳтавои рӯҳ ва ҷон омехта аст, мо онро дақиқан ташхис карда натавонистем;

бадани инсон як нишеман, ошёни рӯҳу ҷони инсон аст;

бадан аз назари худшиносӣ, худошиносӣ, ҷаҳоншиносӣ барои рӯҳу ҷони одам, силоҳ аст,

ин силоҳ имконият дорад бар асари тарбити ҷисмонӣ, такмилу танзеҳи нафс ба як мавҷуди шариф, муътабар табдил ёбад, воситаи таярон, парвози инсон дар ҷаҳони маънавӣ (ва албатта дар сулуки худошиносӣ, расидан ба Ҳақиқата мутлак, ки асли мақсади Мавлавӣ аст) шавад;

асли инсон рӯҳу ҷон аст. Агар рӯҳ тарбият ва такмил наёбад инсон ҳатто дар синни камолот дар олами хӯру хобу хашму шаҳват», дар зинаи ҳайвонӣ боқӣ мемонад;

тараққӣ, рушду равнақи рӯҳонӣ, ҷонии одам аст, ки ӯро аз лаззати ишқ, ифтихори инсонӣ, бунёдкорӣ, манфиатрасонӣ (на манфиатҷӯӣ), лаззати эътибор, ҷоҳу ҷалол («Ман ҷоҳ дӯст дорам, ки озодзодаам, Озодзодагон ба ҷон нафурӯшанд ҷоҳро», Дақиқӣ) ва неъматҳои зайли зиндагӣ баҳраманд мегардонад;

ибтидо ва интиҳои асли инсон дар зиндагӣ маърифат аст. Маърифат аст, ки ба инсон қудрати тамйиз (дар истилоҳи мардумӣ тамиз) илқо мекунад (ба қавли К.Маркс озодӣ маърифат, дониш, донистани қонунҳои табиат ва ҷамъият аст);

инсон масъул аст аз таваллуд то фавташ (тибқи таълимоти Қуръону Ҳадис» талаб, ҷустуҷӯи дониш кунад;

дар талаби маърифат таассубҳои динӣ, фирқавӣ, қавмӣ, миллӣ раво нест;

маърифат арзиши умуминсонист, неъмати қудсии илоҳист;

маърифат барои ҳамагон дастрас нест. Чаро ин неъмат барои ҳамаи инсонҳо дастрас нест? ин яке аз ҳикматҳои илоҳист;

сабки Мавлавӣ дар масъалаи идроки рӯҳу тани одам аз нуқтаи назари тадқиқу таҳқики падидаҳои хориқулодда барои улуми муосири инсоншиносӣ қобили истифода аст;

назариёти Мавлавӣ дар ин бахш ҳам дар раванди инсонӣ намудани падидаи ҷаҳонишавӣ арзиши фавқулодда муҳим доранд.

* * *

Таҷдиди осори Мавлавӣ дар Тоҷикистон чунин самараҳои арзишманд ба бор овард:

- мардум, ки Мавлавиро дӯст медоштанд, акнун бештар дӯст доштанд, зеро маълум шуд, ки чаро дӯсташ медоштаанд;
- мазҳаби ишки Мавлавӣ дар андешаҳо ва завкҳо қавитар шуд, коми онҳо лаззати ишқро эҳсос кард;
- рушантар шуд, ки таассуб ҳаром аст; ворисони аслӣ ва маънавии Мавлавиро ба ҷаҳониён наздиктар кард. Аз тариқи Мавлавӣ симои аслии ворисонаш рушантар шуд;
- ин ҷашн аз қолаби расмият берун рафт. Ҷашн, суру сурури воқеан мардумӣ шуд;
- мардумӣ шудани ин ҷашн ногузир буд, зеро шахсияту армонҳои Мавлавӣ инсондӯстӣ ва инсонгароист.

* * *

Аммо, ин натиҷаҳо бояд мавриди парвариш, тавсиъа, таҳким бошанд. Ин муваффақият бояд шинохта шавад ва қадр карда шавад. Қоида ҳамин аст ганҷ парвариш ва беҳдоштро тақозо мекунад. Парвариш ва беҳдошт як амри содда, имконпазир аст. Содда аз он нуқтаи назар аст, ки амали муттасили инсонист. Амалест, ки одамро ҳамеша дар машраби инсонӣ, мақому манзалати олимартабаи инсонӣ нигоҳ медорад.

Имконпазир аз он нуқтаи назар аст, ки ин арзиши бебаҳо муҳити беҳтарини рушду равнақ дорад. Муҳити истиқдоли сиёсӣ ва маънавӣ.

**Назри Яздонӣ,**
**сармутахассиси Маркази**
**«Тоҷикшиносӣ»-и Китобхонаи миллӣ**